**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод шудааст**

1. Диссертатсияи илмии Бозоров Хушвахт ба яке аз масъалаҳои мубрами методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Мубрамияти таълими мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки маҳз коркарди низоми мураттаби ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок дониста мешавад, дар ин раванд зарур аст, амалӣ гардад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар баробари пешниҳоди асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ иртиботдошта аз оғоз то интиҳои рисола чун хатти сурх дар мадди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, бахусус, дар дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо фаъолияти мустақилонаи

омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии метавон истифода бурд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)), ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш коркарди методии мавзуъҳои дар доираи ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ, зимни такя намудан ба маводи назариявӣ - методӣ, ба натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар раванди омӯзиши забони модарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва, албатта, дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Бозоров Хушвахт мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рудакӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 12 июни соли 2023, №11).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рудакӣ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 24 мақолаи илмӣ (аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 мақола) нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

6. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Бозоров Хушвахт тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ» барои ҳимояи якдафъаина дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

б) ба сифати **муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод карда шавад;

в) ба сифати муқарризони расмӣ

**- Шербоев Саидбой -** докторӣ илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**- Шодиев Рустамхон Азизуллоевич** - доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрон Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

**- Хоҷаев Курбон -** докторӣ илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи адаб ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор **Лутфуллозода Махмадулло**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмхои педагогӣ,
профессор **Негматов Саъдулло Эргашевич**

доктори илмхои филологӣ,
профессор **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**

*Имзоҳои Лутфуллозода М., Негматов С.Э. ва Ҳомидов Д.Р. – ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои маҳсуси ДМТ** **Тавкиев Э.Ш.**

20.04.21